# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-023-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Азимов Ҷамшед Аслиддинзода дар мавзуи “Методикаи арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)) пешниҳод шудааст**

1. Диссертатсияи илмии Азимов Ҷамшед Аслиддинзода ба яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ - методии – санҷишҳои тестӣ ва арзёбии дастовардҳои таълимӣ (дониш ва малакаю маҳоратҳо)-и донишомӯзон бахшида шудааст. Мубрамияти мавзуи мазкур, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки тест ва ё санҷиши тестӣ маҷмуи метод ва раванди бамеъёрдаровардашуда (стандартишуда)-ест, ки барои арзёбии сифатӣ ва миқдории дастовардҳои имтиҳонсупор пешбинӣ гардидааст. Боэътимодии усули тестгузаронӣ дар он зоҳир мегардад, ки дониш ва малакаю маҳорати имтҳонсупорандагон дар шароити баробар, ҳам дар вақти санҷиш ва ҳам дар вақти баҳогузорӣ арзёбӣ мегардад, ки дар натиҷа омили инсонӣ – субъективизми имтиҳонгир аз байн меравад. Тесте, ки мувофиқи меъёрҳои тестшиносӣ дуруст таҳия шудааст, маълумоти муфассали сифативу миқдориро дар бораи дастовардҳои таълимии хонандагон ва ё имтиҳонсупорандагон пешниҳод менамояд, тарафҳои қавӣ ва заифи дониш ва малакаю маҳорати онҳоро муайян карда, камбудиҳои дар таълими фан ҷойдоштаро равшан инъикос мекунад, инчунин дар такмили барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ ва пешрафти маънавиёти хонандагон мусоидат менамояд.

Маҳз ҳамин ҷиҳати масъала дар диссертатсияи Азимов Ҷамшед Аслиддинзода дар баробари пешниҳоди илмӣ-методии таҳқиқи масъалаҳои илмӣ, назариявӣ ва амалии тести педагогӣ, марҳалаҳои таҳияи тест, таҳлили саволу масъалаҳои тест ва дар ин замина арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон (довталабон) аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, аз оғоз то интиҳои диссертатсия дар мадди назари диссертант қарор гирифтааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 - 33 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дуруст ба роҳ мондани тартиби таҳияи воситаҳои арзёбӣ – саволу масъалаҳои тест ва истифодаи дурусти онҳо барои арзёбии дониш ва малакаю маҳоратҳои донишомӯзон яке аз масъалаҳои муҳимми арзёбиҳои педагогӣ ба ҳисоб меравад. Истифодаи самараноки тестҳо дар муассисаҳои таълимӣ, пайваста ва объективона ба роҳ мондани арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон барои баланд бардоштани сифати таҳсилот (дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот) заминаи мусоид фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, метавон, пеш аз ҳама, натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои методии пешниҳодшударо барои беҳбуд бахшидан ба раванди таълим ва баланд бардоштани сифати таҳсилот дар кишвар истифода бурд.

3. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсионии Азимов Ҷамшед Аслиддинзода дар мавзуи “Методикаи арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарй (тахсилоти миёнаи умумй)), ҳамчунин, ба Феҳристи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 мутобиқат мекунад.

Диссертант дар рисолаи хеш сифати саволу масъалаҳои тести забон ва адабиёти тоҷик, ки дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2019 истифода шудаанд ва ҳамчунин дараҷаи дониш ва малакаю маҳоратҳои довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷикро таҳлил намуда, албатта, дар заминаи ақидаҳои шахсиаш пешниҳод намудааст, ки низоми таҳияи тест, баргузории санҷишҳо ва арзёбии натиҷаҳо дар ҳамаи намуди муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ба низоми кори Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ гардонида шавад ва ҳамзамон дар факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ихтисоси тестшиносӣ кушода шавад, аз ҷумлаи дастовардҳои муҳим ва дигари ӯ маҳсуб меёбад.

Аз ин нуктаи назар, мавзуи рисолаи Азимов Ҷамшед Аслиддинзода мубраму муҳим буда, аз ҷиҳати назариявию амалӣ низ шоистаи дастгирист.

Диссертатсияи мазкур мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки 30 июни соли 2021 таҳти №267 ба тасвиб расидааст, таълиф шудааст. Ва ин кори диссертатсионӣ дар кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеъ ва муштараки муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Қарори ҷаласа аз 3-юми майи соли 2024, № 10).

Дар хулосаи ҷаласаи васеъ ва муштараки кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматарафа дода шудааст.

4. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, дар маҷаллаҳои эътирофнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 мақола нашр шудааст.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ё худ эътирофшуда ба талаботи банди 34 - Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

5. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудааст, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунад.

6. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф фикрҳои ҷолиб пешниҳод шудааст. Инчунин, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика ва методикаи таълим шаҳодат медиҳад.

7. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Азимов Ҷамшед Аслиддинзодаро дар мавзуи “Методикаи арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертии диссертатсияи Азимов Ҷамшед Аслиддинзода дар мавзуи "Методикаи арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Азимов Ҷамшед Аслиддинзода дар мавзуи "Методикаи арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) ба ҳимоя қабул карда шавад.

**2.** Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) мувофиқат мекунанд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Негматов Саъдуллоҷон Эргашевич** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Назарзода Рустам Саидмурод** - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи барномасозӣ ва муҳандисии компютерӣ, сардори маркази омӯзишӣ, сертификатсионӣ ва рушди инноватсия Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар**

- **Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"** тавсия дода шавад.

Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессор **Солеҳов Мирзо Одинаевич**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент **Атакулаев Усмон Исмайлович**

номзади илмҳои филологӣ,
дотсент **Каримов Назрулло Салимович**

*Имзоҳои Солеҳов М., Атакулаев У.И. ва Каримов Н.С.-ро тасдиқ мекунам*

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои маҳсуси ДМТ** **Тавқиев Э. Ш.**
**"__23__" __06__солн 2025**